**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Хуҷанд, 2026 сол).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, таҳти №45/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотро зарурати ҳалли вазифаи созмон додани низоми адвокатураи касбии мустақил ва фаъолияти босамардошта, ки бо нуфузи худ дар ҷамъият маъруфият пайдонамуда муайян мекунад, ки он дар натиҷаи таҳқиқи дақиқонаи рушди таърихии мақоми адвокатура дар марҳилаҳои гуногуни давлатдории тоҷикон муяссар мегардад.

Сурат гирифтани ислоҳоти ҳуқуқӣ-судӣ дар Тоҷикистон, ки соҳаи адвокатураро низ пурра фаро гирифтааст, ба назари эътибор гирифтан ва истифодаи таҷрибаи эъҷобии андӯхташударо барои рушди минбаъдаи низоми адвокатураи мамлакат тақозо мекунад.

Адвокатура институти муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад, ки дар давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин, иттиҳодияҳои онҳоро ҳимоя мекунад. Вазифаи

асосии адвокатура расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба эҳтиёҷмандон мебошад. Адвокатура иттиҳодияи касбии мустақил мебошад. Маҳз ҳамин хусусияти хоси фаъолияти адвокатура имкон медиҳад, ки фаъолияти он чун мақомоти мустақил ба ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон равона гардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасии воқеӣ ва баробар ба ёрии ҳуқуқӣ кафолат дода мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи марҳилаҳои тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ ёрии ҳуқуқиро кафолат медиҳад. Давлат тамоми шароитро барои таъмини ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандони камбизоат, ҳамчунин, барои пардохти ёрии ҳуқуқии ройгон, ки тибқи қонун расонида мешавад, таъмин менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи таърихи пайдоиш ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо намуда, барои рушди минбаъдаи илми таърихи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии таҳқиқоти рисола дар он зоҳир мегардад, ки баррасии падидаи «таърихи адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳудуди Тоҷикистон мебошад, ки дар он масъалаҳои пайдоиши ниҳоди адвокатура, заминаҳои ташаккул ва инкишофи адвокатура баррасӣ карда мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқот аз ҷониби диссертант асоснок карда шудааст, ки «таърихи пайдоиши адвокатура» ҳамчун ниҳоди дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҷассум ёфта ва бо ёрии ташкили маҷмуи амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва воқеӣ дошта, ошкору муназзам карда шуданд ва (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд.

**Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода месозанд**.

1. Институти ҳимоя ба халқи тоҷик аз қадим шинос буда, маҳсули тафаккури нави ҷамъиятӣ-сиёсӣ нест, зеро ки нишонаҳои аввалини он дар ташкилотҳои пешаздавлатӣ пайдо шудаанд. Бо таъсис ёфтани давлат номи мақомоти бо ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои инсон машғулбуда, якчанд маротиба дигаргун шудааст. Бори аввал, доир ба намояндагӣ дар ҳуҷҷатҳои таърихии давраи Сосониён маълумот дода мешавад. Ин вазифаро ғайр аз ҳимоятгарон, инчунин дигар одамони солимақл (қобилияти ҳуқуқидошта) иҷро карда метавонистанд. Намояндагони он замонро ба намояндагони хешутаборӣ ва кирошуда ҷудо намудан мумкин аст, ки аз онҳо минбаъд институти вакилони касбӣ пайдо шудааст. Дар давраи исломии давлатдории тоҷикон ҳимояи манфиатҳои тарафҳоро судҳои қозӣ, вакил ва муфтиҳо амалӣ менамуданд. Дар давраи Сомониён тартиби мурофиаи судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданӣ ягона буда, дар байни даъвогар ва ҷавобгар фарқ гузошта намешуд ва исботкунӣ дар зиммаи онҳо буд. Баъзе вазифаҳои ҳимоятгар ва даъвогарро муфтӣ ва вакил иҷро менамуданд.

2. Институти ҳимоя дар Тоҷикистони тошуравӣ чун институти судӣ инкишоф ёфта, қисми таркибии он буд ва аз низоми судии давлат ҷудою мустақил набуд. Ин нукта дар он ифода меёбад, ки ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби худи ҳимояшаванда, наздикон ва хешовандони ӯ, инчунин аз ҷониби мансабдорони давлатӣ, намояндагони ҳокимият, дар бисёр мавридҳо аз ҷониби худи судя, ки ба шахс имкони пешниҳод кардани далел ва шоҳидонро барои ҳимояи худ фароҳам меорад, расонида мешуд. Ташаккул ва инкишофи институти ҳимоя дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ дар Тоҷикистон раванди мураккаб буд, зеро худи мақомоти судӣ, ҷараёни мурофиаи судӣ бо дин бо ҳам зич печида буданд, баҳсҳои ҳуқуқӣ бошанд, дар асоси тасаввуроти динӣ дар бораи адолат, мавқеи раият ҳал мешуданд. Боз як нуктаи муҳим он буд, ки тамоми мурофиаи судӣ ва таъмини адолат, аз рӯйи баррасӣ намудани

парвандаҳо дар судҳо бо шахсият ва обрӯю эътибори амир зич вобаста буд.

Судҳои феодалии қозӣ ва бийҳо дар кишвари Туркистон ва дар аморати Бухоро то барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданиро бе иштироки адвокат баррасӣ мекарданд. Вазифаи ба амал баровардани адолати судӣ ва ҳамзамон ҳимояро дар баробари қозиён шахсоне ба уҳдаи худ мегирифтанд, ки ҳокимияти давлатиро дар ихтиёр доштанд. Дар кишвари Туркистон ва аморати Бухоро иштироки адвокатҳо дар симои вакилони касбӣ ва ёварони онҳо бори нахуст баъди ҳамроҳ намудани ҳудуди Осиёи Миёна ба империяи Русияи подшоҳӣ, дар мавриди баррасии парвандаҳои ҷиноятии раияти он, ба назар мерасад.

3. Инкишоф ва танзими ҳуқуқии адвокатура дар замони шуравӣ он дигаргуниҳои амиқи сифатиеро, ки дар низоми давлатию ҳуқуқӣ ба амал омаданд, инъикос мекард. Давлатикунонии тамоми низоми адвокатура сурат мегирифт, фаъолияти хусусии адвокатӣ аз байн бурда мешуд, адвокатура тадриҷан чун коллегия ташкил мегардид ва маош аз рӯйи воҳиди корӣ мутаносибан ба миқдору сифати парвандаҳои баитмомрасонида пардохт мегардид, ҳамчунин тағйироти таъҷилии сифатӣ дар ҳайати кадрҳои адвокатура ба вуқуъ омад. Адвокатура низоми иҷтимоии хеле мураккаб буда, аз рӯйи моҳияти вазифаҳо, хусусияти шакл, намуди сохторҳои ташаккулдиҳанда, аз рӯйи муносибати мутақобила бо мақомот ва муштариён, майдони васеи фаъолият ва вижагиҳои танзими ҳуқуқию этикиро доро мебошад.

4. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон фаъолияти адвокатура тибқи қонунгузории шуравӣ танзим мегардид. Минбаъд, ба низоми ҳуқуқӣ ва дохилии адвокатура дигаргунии ҷиддӣ ворид шуд. Қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар бораи адвокатура марҳилаи нави рушди адвокатура ва ҷорӣ намудани ислоҳоти он мебошад. Адвокатура институти ҳуқуқие мебошад, ки дар асоси касбӣ ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро таъмин мекунад. Аз соли 1995 то

соли 2015 фаъолияти адвокатура амалан фаъолияти соҳибкорӣ буд, ки дар он адвокат – вакил, бо расонидани хизмати ҳуқуқӣ дар шакли соҳибкори инфиродӣ машғул буда, таъсис додани ширкатҳои ҳуқуқӣ дар намуди ҷамъиятҳо, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ оид ба расонидани хизматҳои ҳуқуқӣ, тавассути таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ мешуданд.

Дар Тоҷикистони муосир адвокатура унсури калидии низоми ҳуқуқҳимоякунии ҷамъият ба шумор меравад, вале он унсури ягона нест. Дар байни дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии расонидани ёрии ҳуқуқӣ фаъолияти хусусии адвокатӣ дар шакли кабинети адвокатӣ, машваратӣ дар намуди расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби машваратчиёни ҳуқуқӣ, ёрии ройгони ҳуқуқӣ, ки ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ мегардонанд, расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби ваколатдорон оид ба ҳуқуқҳои инсонро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрвандон номбар кардан мумкин аст.

Вобаста ба нуктаҳои пешниҳодгардида, бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории соҳавӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии таҳқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин

усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Сохтори диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, номгӯи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳрести интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 219 саҳифаро дар бар мегирад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «ташаккул ва инкишофи институти адвокатура дар таърихи давлатдории тоҷикон» масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: пайдоиши институти ҳимоя дар таърихи қадимаи давлатдории тоҷикон, заминаҳои таърихӣ - ҳуқуқии ташаккули институти ҳимоятгар дар Тоҷикистони таърихӣ ва ташкили фаъолият ва хусусиятҳои амалкарди институти адвокатураи тоҷик дар ҳайати ҶШС Туркистон ва дар ҳайати ҶХШ Бухоро (саҳ. 23-85).

Боби дуюми диссертатсия «ташаккули институти адвокатура дар ҶМШС Тоҷикистон ва асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти адвокатура дар ҶШС Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои ташаккулёбии институти адвокатура дар ҶМШС Тоҷикистон, асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти адвокатура дар ҶШС Тоҷикистон ва хусусиятҳои хоси адвокатураи Тоҷикистон дар асоси Низомнома дар бораи адвокатураи ИҶШС соли 1939 ва Қонуни ИҶШС дар бораи адвокатураи ИҶШС соли 1979 мавриди таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд (саҳ. 86-126).

Дар боби сеюм диссертатсия «инкишофи институти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлоли давлатӣ» бошад диссертант масъалаҳои рушди қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти адвокатура дар Тоҷикистон, шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти адвокатура дар Тоҷикистон ва баъзе масъалаҳои такмили институти адвокатураи Тоҷикистон дар шароити Истиқлоли давлатӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст (саҳ. 127 -176).

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки аз нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот иборат мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия**. Диссертатсияи Маҳмудӣ Р.Б. дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад. Зеро дар он мушкилоти назариявӣ-таърихии пайдоиш ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон ба таври мукаммал таҳқиқ гардида, мафҳуми «адвокатура» ва аҳамияти он дар мурофиаи судӣ, ҷойгоҳ ва нақши он дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон бозбинӣ карда мешавад. Дар доираи таҳқиқот муносибати мавҷуда ба фаъолияти адвокатура ҳамчун унсури ба амалбарории адолати судӣ ва татбиққунандаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дақиқ гардонида шуда, асосҳои назариявии татбиқи он дар муносибатҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти хоса дода мешаванд.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳаммияти амалӣ низ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзуи фаъолияти адвокатура алоқаманд мебошад, мавриди корбарӣ қарор гиранд.

Аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба марҳилаҳои муҳимтарини ташаккулу инкишофи адвокатураи тоҷик ва

паҳлуҳои номуайяни он равшанӣ андохта мешавад. Таҳқиқоти мазкур саҳми муайян ба амиқтар намудани донишҳои илмӣ оид ба ташаккул ва инкишофи адвокатура, дар умум, самтҳои асосии фаъолияти он оид ба амалигардонии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар Тоҷикистон мебошад. Хулосаҳо ва нуктаҳои рисолаи илмӣ оид ба масъалаҳои таърихи ташаккули адвокатура имкон медиҳанд, ки таърихи ватанӣ дар соҳаи фаъолияти адвокатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас такмил дода шавад. Инчунин, масъалаҳои дар он баёншударо бо назардошти воқеияти таърихию фарҳангии Тоҷикистон дар раванди ислоҳоти институти адвокатура дар Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Аксари тавсияҳо ва таклифҳо оид ба такмили асосҳои этикии фаъолияти адвокатӣ мумкин аст, ки аз ҷониби адвокатҳо дар ҷараёни фаъолияти кориашон чун дастури роҳнамо қабул карда шаванд. Тавсияҳо оид ба такмили асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти адвокатӣ мумкин аст, аз ҷониби субектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва мақомоти ҳокимияти қонунгузор дар раванди фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба назар гирифта шаванд. Тавсияҳо оид ба таҷдиди фаъолияти адвокатӣ ва ҳифзи манфиатҳои адвокатҳоро метавонанд мақомоти ҳокимияти иҷроияю судӣ, ҳамчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба назари эътибор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», муаллиф корҳои муҳими илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ мунташир намудааст. Муаллиф дар маҷмӯъ 14 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тасдиқшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Аз ҷумла:

I. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд**:

**[1–М]** Маҳмудов Р.Б., Адвокатура и судопроизводства Таджикистана от древности до буржуазии. [Текст] / Р.Б.Махмудов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2008 - №4 – С. 161-170. (0,6 ч.ч.). ISSN 2074-1847.

**[2–М]** Маҳмудов Р.Б., История возникновения адвокатуры в Республике Таджикистан. [Текст] / Р.Б. Махмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои гуманитарӣ. – 2008. – №3 (46). – С. 23-29. (0,33 ч.ч.). ISSN 2074-1847.

**[3–М]** Махмудов Р.Б., Судопроизводство древнего Таджикистана. [Текст] / Р.Б. Махмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои гуманитарӣ. – 2009. – №6 (54). – С. 56-61. (0,33 ч.ч.). – ISSN 2074-1847.

**[4–М]** Махмудов, Р.Б., Развитие законодательства об адвокатской деятельности в Таджикистане. [Текст] / Р.Б. Махмудов, // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2016. – №2/3(201). – С. 275-281. (0,37 ч.ч.). – ISSN 2413-5151.

**[5–М]** Махмудов, Р.Б., Мухамадиев И.С. Из правовой практики защиты прав человека и гражданина на основе деятельности адвокатуры в Республике Таджикистан [Текст] / Р.Б. Махмудов, И.С.Мухамадиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – №4. – С. 210-216. (0,37 ч.ч.). – ISSN 2413-5151.

**[6–М]** Махмудов, Р.Б., Мухамадиев И.С. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти адвокатураи Тоҷикистон [Матн] / Р.Б. Махмудов, И.С.Мухамадиев // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – №2 (73). – С. 464-471. (0,4 ч.ч.). – ISSN 2664-0651

**[7–М]** Махмудов, Р.Б. Аз таърихи таъсисёбии институти адвокатура дар ҶШСА Тоҷикистон [Матн] / Р.Б. Маҳмудов // Қонунгузорӣ. – 2025. – №1(57). – С. 58-65. (0,44 ч.ч.). – ISSN 2410-2903

## II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:

**[8–М]** Маҳмудов Р.Б., История возникновения адвокатуры в Республике Таджикистан. [Текст] / Р.Б. Махмудов // Материалы международной научно-теоретической конференции «Таджикистан и современные международные отношения: регионализм и глобализм», Худжанд, 2007. – С. 207-214. (0,4 ҷ.ч.).

**[9–М]** Маҳмудов Р.Б., Асосҳои фаъолияти адвокатураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Р.Б. Махмудов // Меваи истиқлол. Маҷмӯаи мақолаҳо ва маърӯзаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ дар конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «20 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар кишвар». Хуҷанд, 2011. – С. 70-77. (0,4 ҷ.ч.)

**[10–М]** Маҳмудов Р.Б., Предпосылки создания адвокатуры в Республики Таджикистан. [Текст] / Р.Б. Махмудов // Рушди бозор аз ваҳдат аст. Маҷмӯаи мақолаҳо ва маърӯзаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ дар конфронси илмию амалӣ. Хуҷанд, 2012. – С. 126-134. (0,7 ҷ.ч.).

**[11–М]** Маҳмудов Р.Б., Организационно правовые основы деятельности адвокатуры в условиях современного Таджикистана. [Текст] / Р.Б. Махмудов // Маҷмӯаи мақолаҳо ва маърӯзаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ дар конфронси илмию амалӣ дар мавзуи «Роҳҳои ноилгардӣ ба ҳадафҳои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ». Хуҷанд, 2014. – С. 58-61. (0,4 ҷ.ч.).

**[12–М]** Маҳмудов Р.Б., Современное состояние адвокатуры в Таджикистане. [Текст] / Р.Б. Махмудов // Маҷмӯаи мақолаҳо ва маърӯзаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ дар конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди устувори иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Хуҷанд, 2015. – С. 33-36. (0,2 ҷ.ч.).

**[13–М]** Маҳмудов Р.Б., Развитие законодательства об адвокатской деятельности в Таджикистане. [Текст] / Р.Б. Махмудов // Маҷаллаи академияи ҳуқуқ. № 2 (14), 2015. – С. 23-34. (0,68 ҷ.ч.)

**[14–М]** Маҳмудов Р.Б., Проблемы совершенствования института адвокатуры в Таджикистане. [Текст] / Р.Б. Махмудов // Конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ таҳти унвони "Рақамикунонии сохтмон ва иқтисодиёти сабз: роҳ ба сӯи рушди устувор". Хуҷанд, 2025. – С. 726-735. (0,7ҷ.ч.).

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби до дани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ**. Диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз арзёбии мусбати баёншуда дар тақриз, дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсонҳо, нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба мавридҳои зерин ишора кард:

1. Дар матни диссертатсия унвонҷӯ зикр менамояд, ки адвокатура маҳсули ислоҳоти судӣ мебошад (саҳ. 54 диссертатсия). Аммо ба андешаи

мо, институти адвокатура яке аз ҷузъҳои муҳими ҳимояи инсон, шахс ва шаҳрванд дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ маҳсуб меёбад. Бо ин назардошт, андешаи довталаби дараҷаи илмӣ ба тариқи мушаххас дар кор зикр наёфтааст. Албатта ин ҳолат аз мустақилияти хулосабарории мустақили унвонҷӯ дарак диҳад ҳам, баҳснок мебошад. Бинобар ин диссертантро зарур аст, ки андешаи мушаххаси худро нибати ҳолати болозикр дар ҳимояи ошкорои диссертатсия иброз намояд.

2. Дар саҳифаи 108 диссертатсия оид ба масъалаи Комиссияи тафтишотии коллегия сухан меравад, ки аз ҷониби муаллиф нисбати он мушаххасан маълумот дода нашудааст. Танҳо зикр гардидааст, ки Комиссияи мазкур тафтиши мунтазами самти молиявӣ-хоҷагидории коллегияро ба зимма дошт. Дар баробари ин дигар таҳлилҳои мушаххасро роҷеъ ба масъалаи болозикр ишора накардааст.

3. Дар матни диссертатсия истилоҳҳое ҷой доранд, ки маънидоди мазмунии худро талаб мекунанд, аммо дар баъзе мавридҳо аз тарафи муаллиф мазмун ва моҳияти онҳо равшан карда нашудааст, ки ба муаллиф тавсия дода мешавад, дар таҳқиқотҳои минбаъдаи худ ба масъалаҳои мазкур эътибор дода бошад.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, ба нуктаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқшуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, мутобиқат дорад. Муаллифи он Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода барои дарёфти

дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқ ва идораи давлатии
Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Ализода И.И.

**Нишонии муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ШНТҶ, н. Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63.
Телефон: (+992) 008992555.
Почтаи электронӣ: aliev_ismoil@list.ru

**Имзои Ализода И.И.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.

**Нишонии муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ШНТҶ, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63.
Телефон: +992313121103,
Почтаи электронӣ: dot.rasht@mail.ru
Сомонаи расмӣ: https://dotr.tj/
«12» 06 2026 с.